**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ” номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
__________ Сафарзода Мунир Ватан
“____”__________ 2026 с.

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» ба кори диссертатсионии Рамазонзода Давлат Сулаймон дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)

**Мубрамияти таҳқиқот.** Давраи томактабӣ яке аз давраҳои муҳим ва мувофиқтарин барои ташаккули шахсияти кӯдак маҳсуб меёбад. Дар ин марҳала кӯдакон на танҳо бо муҳити атроф шинос мешаванд, балки асосҳои равонӣ, зеҳнӣ, ирода ва ахлоқии худро низ тарбия мекунанд. Аз ин рӯ, давраи томактабӣ поягузории шахсияти инсон ва асоси рушди минбаъдаи ӯ ба шумор меравад.

Вазифаи асосии тарбияи томактабӣ таъмини рушди ҳамаҷонибаи кӯдак мебошад, ки ба таҳкими қобилиятҳои эҷодии ӯ низ рабт дорад. Бо истифодаи барномаҳои махсус ва фаъолиятҳои интерактивӣ, кӯдакон имконият пайдо мекунанд, ки истеъдодҳои бадеии худро намоиш диҳанд ва ба омӯхтани мусиқӣ ва санъат майл пайдо кунанд. Дар ин марҳала омӯзгорон бояд ба асосҳои назариявии тарбия, ҳамчунин ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи тарбияи томактабӣ такя кунанд, то рушди қобилиятҳои эҷодии кӯдакон самаранок ва мақсаднок сурат гирад.

Мусиқӣ ҳамчун шакли фаъолияти эҷодӣ нақши муҳим дар ташаккули қобилиятҳои маънавӣ ва зебопарастии кӯдакон ба ҳисоб меравад. Фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ, ки дар онҳо ҳам месароянд, ҳам воситаҳои ритм иҷро мекунад, ҳам бо бозичаҳо ва асбобҳои мусиқӣ эҷод кардан омӯзонида мешавад. Ба рушди қобилияти гӯш кардани мусиқӣ, эҷоди идеяҳои нави бадеӣ ва ҳамзамон ба тақвияти қобилияти иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ мусоидат менамояд. Аз ин нуқтаи назар, тадқиқи инкишофи

қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар фаъолияти мусиқӣ-бозикунӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва амалӣ дар педагогикаи муосир ба ҳисоб меравад, зеро доир ба масъалаи қобилиятнокӣ, лаёқатмандӣ, соҳибистеъдодии инсон фикру ақида, муносибату баррасии андеша, назария, консепсия, роҳёфти гуногун дар рисолаи илмӣ арзи вуҷуд доштанд ва доранд.

Дар даврони муосир ҷумҳурии Тоҷикистон бештари созмонҳои беназири таълимӣ таъсис дода шуда буданд, ки барои рушду нумӯи қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии кӯдакону наврасон нигаронида шудаанд.
Вазифаи муассисаҳои томактабӣ тамоми шароитҳои зарурииро барои таҳқиқот, гузаронидани ташхис ва рушди кӯдак шароитҳо фароҳам меоварад. Роҳбари мусиқӣ, мураббӣ барои инкишоф ва ташаккул додани шахсиятҳои дорои тафаккури эҷодӣ ва равишҳои навоварона диққати махсус медиҳанд. Ҷараёни рушди бомуваффақияти илму маориф ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи мутахассисон қарор дошта, ба роҳбарони мусиқӣ имконият медиҳад, ки бо истифода аз усулҳои муосир ва фаъолиятҳои қобилиятҳои эҷодии кӯдаконро бо воситаи бозӣ дар шакли мақсаднок рушд диҳанд.

Дар ин раванд, фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ нақши калидӣ мебозанд. Кӯдакон тавассути иҷрои ритмҳо, сурудхонӣ, эҷоди асбобҳои мусиқӣ ва иштирок дар бозиҳои мусиқӣ на танҳо малакаҳои бадеии худро рушд медиҳанд, балки қобилияти фикр ва эҷодкории худро низ тақвият мебахшанд. Мутахассисон тавассути ба роҳ мондани чунин фаъолиятҳо метавонанд иқтидори мусиқӣ ва эҷодии ҳар як кӯдакро муайян намуда, барои инкишофи минбаъдаи ӯ заминаи устувор фароҳам оранд.

Инчунин, дар ин муассисаҳо ба сифати муҳити таҳқиқотӣ ва тарбиявӣ боис мешаванд, ки кӯдак ҳамзамон бо фароғат ва бозӣ, малакаҳои эҷодии худро омӯзад ва ба ҳамкории иҷтимоӣ, ирода ва эҳсоси масъулият низ аҳамияти махсус диҳад. Аз ин нуқтаи назар, омӯзгорон ва методистон вазифадоранд, ки фаъолияти мусиқӣ-бозикунӣ ва дигар шаклҳои эҷодӣ ба таври мақсаднок ва илмӣ ба нақша гиранд, то рушди ҳамоҳанг ва ҳамаҷонибаи кӯдакон таъмин карда шавад.

Дар ин замина дар илми педагогика ватани масъалаи инкишоф додани қобилияти эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ, ки дар сарчашмаҳои мавҷудаи илмии осори олимони варзидаи тоҷик ба монанди Б.Маҷидова, Л.М. Иматзода, Х.М. Сабурӣ, М.И.Иззатова, Н.М.Юнусова, Л.М.Тоҷибоева, М.И.Обидова, Ш.П.Котибова, Г.А.Қурбонова, З.Ш. Қурбонова, С.С.Бобохонова, М.Ҳ.Акрамова ва дигарон дар рисола арзёбӣ гаштааст.

Дар рисола ва фишурдаи он мақсади таҳкикот: дар асоси таҳлилҳои илмӣ-назариявӣ ва таҷрибаи амалӣ имкониятҳои истифодаи бозиҳоро барои рушди қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар машғулиятҳои мусиқӣ ошкор намоем.

**Вазифаҳои таҳқиқот аз қисматҳо иборат медонад:**

- таҳлили хусусиятҳо ва марҳилаҳои рушди қобилияти эҷодии кӯдакон дар давраи томактабӣ;
- баррасии имкониятҳои рушди қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон тавассути фаъолияти мусиқӣ-бозикунӣ;
- муайян кардани шароитҳои педагогии зарурӣ барои инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар бозиҳо.
- ташкилу гузаронидани кори озмоишӣ ва таҷрибавӣ, ҳамзамон таҳия ва ошкор кардани технологияҳои рушди қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар фаъолияти мусиқӣ ва бозикунӣ.

Рамазонзода Давлат Сулаймон дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ» мақсади таҳқиқот, обект, фарзияи ва навгониҳои онро дуруст муайян намуда, барои анҷом додани пажӯҳиши илмӣ ҳаллу фасли масъалаҳои мазмун, мундарича ва шароитҳои педагогии инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар бозиҳо, самтҳои асосӣ ва шароитҳои педагогии инкишоф додани қобилияти эҷодии кӯдакон, меъёрҳои ҳамкории педагогӣ таҳия ва баҳои воқеии сатҳи рушди эҷодии кӯдаконро дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ  низ дар таҳқиқоти худ роҳандозӣ намудааст.

**Падидаи навгонӣ ва бозёфти илмии рисола:**

Бозёфт ва навгониҳои илмии ин рисола дар он арзёбӣ мешаванд, ки муаллиф аз нуктаи назари таҳқиқоти масъалаҳои зеринро ҳаллу фасл намудааст:

1.Масъалаи рушди маҳорат, қобилият ва эҷодкории кӯдакон тавассути мусиқӣ ва бозикунӣ дар ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз таҳлили таҳқиқоти илмӣ ва арзишҳои маънавии миллӣ мавриди омӯзиш ва пажӯҳиш қарор дода шудааст.

2.Дар асоси таҳлили хусусиятҳои синусолии кӯдакон ғояҳои консептуалӣ таҳия ва амалӣ гардидаанд.

3.Муҳокима ва пайгирии муносибати назария ва амалияи мусиқӣ ва бозикунӣ ба рушди қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон ба таври систематикӣ гузаронида шудааст.

4.Ба хотири рушди самараноки фаъолияти мусиқӣ роҳу усулҳои нави ташкил ва гузаронидани он муайян карда шудаанд. Даромад

намудани бозиҳои миллии мусиқӣ ба ҳаёти ҳаррӯза ва раванди таълиму тарбия ба таври фаъолона мусоидат менамояд.

Дар диссертатсия нуқтаҳои пешниҳод намудаи муаллиф моҳияти консепсия пурра дарк менамояд. Консепсия ба таври умум мувофиқ ва дақиқ таҳия шудааст, ки ба эроди ҷиддӣ ниёз надорад. Ин нишон медиҳад, ки консепсияи пешниҳодшуда дар сатҳи методологӣ ва назариявӣ қонеъкунандабуда, шаклҳои бозӣ ба таври алоҳида пешниҳод карда шудааст. Мантиқи ифодагардонии маводи назариявӣ ва тавсифи таҳқиқоти эмпирикӣ дар диссертатсия ба тарзи систематикӣ ва пайдарпай муайян шудааст. Ин мантиқ ба кӯдакон имконият медиҳад, ки мавқеи илмии муаллифро дар соҳаи тадқиқот аз худ намоянд. Ғояи асосиро, ки ҳамчун пояи консепсияи педагогии муаллиф хизмат кунад ва дарк намоянд. Консепсия, модулҳои пешниҳодшуда аз лиҳози назариявӣ ва амалишаванда хуб таҳия шудааст, мантиқи тасвир ва таҳлили он мувофиқ аст ва асоси фикрҳои муаллифро равшан нишон медиҳад.

Муаллиф дар раванди таҳқиқот таҳлилҳои муфассал анҷом дода, хулосаҳои ҷолиб ва аҳамиятнок пешниҳод кардааст. Ин нишон медиҳад, ки пажӯҳиши ӯ на танҳо таҷрибавӣ, балки аз нуқтаи назари назариявӣ ҳам пурқимат мебошад.

Муаллиф ин масъалаҳоро ҳамчун мавзуъҳои муҳим ва ҳалталаб арзёбӣ кардааст, ки онҳоро олимони соҳаҳои гуногуни илмҳои муосир низ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додаанд. Ин нишонаи он аст, ки мавзӯи рисола ҳам ҷолиб аст ва ҳам ба таҳқиқоти илмӣ мувофиқат менамояд.

Муаллиф таҳқиқоти худро бо истифода аз таҳлилҳои дақиқ ва хулосаҳои ҷолиб пеш мебарад. Ӯ дуруст омилҳои асосии таъсиргузор ба равандро муайян мекунад ва ин мавзӯъро ҳамчун масъалаи муҳим ва мавриди омӯзиши олимони замони муосир арзёбӣ менамояд.

**Эътимоднокии натиҷаҳо:** Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар рисола бо истифодаи асосҳои методологӣ ва назариявии масъалаи таҳқиқшаванда эътимоднок ва мақсаднок мебошанд. Муаллиф методҳои назариявӣ ва эмпирикиро дуруст интихоб кардааст. Ин интихоб ба амалишавии мақсадҳо, вазифаҳо ва санҷиши фарзияҳои илмӣ мусоидат кардааст. Таҳлили таҷрибаи кормандони муассисаҳои томактабӣ ва имкониятҳои педагогӣ ва психологии онҳо нишон медиҳад, ки натиҷаҳо ба иҷрои вазифаҳои барномавӣ мувофиқанд.

Натиҷагирӣ аз корҳои озмоишӣ (экспериментали) нишон дод, ки фарзияҳои илмӣ тасдиқ шудаанд. Эътимоднокии натиҷаҳо инчунин ба дониш ва малакаи касбии муаллиф вобаста аст: дониш ва малакаҳои

педагогии ӯ дар низоми таълими томактабӣ таҳқиқотро муваффақ гардонидааст. Натиҷаҳо ва хулосаҳои рисола эътимодноканд, зеро муаллиф методҳои дурусти назариявӣ ва эмпирикиро истифода кардааст, таҷрибаи амалӣ ва шароити педагогиро таҳлил намудааст ва фарзияҳои илмиро тавассути озмоиш тасдиқ кардааст. Малака ва донишҳои касбии муаллиф низ саҳми муҳим дар ба даст овардани натиҷаҳои эътимоднок доранд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:** мундариҷа ва муҳтавои кори диссертатсионӣ ба шаҳодатномаи ихтисоси илмии 5.3.2. Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) аз ҷумла банди 1 – назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактадӣ ва банди 11 коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илми асосноки тарбия ва таълими кӯдакони мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ мутобиқ мебошад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** дар заминаи таҳлил ва баррасии таҳқиқотҳои илмии муосир, инчунин дар заминаҳои барномавӣ методии фаъолияти муассисаҳои таълимию тарбиявии таҳсилоти томактабӣ, низоми тарбия ва инкишоф додани қобилияти мусиқӣ ва эҷодии кӯдакон муайян ва баррасӣ менамояд, ки онро роҳбари мусиқӣ дар ҳамкорӣ бо мураббия дар фаъолияти таълимию тарбиявии худ вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии кӯдакон аз шароиту имкониятҳои педагогии худ ба таври эҷодӣ истифода бурда метавонанд.

Таҳқиқот низ метавонад барои коркард ва таҳия намудан, омода намудани дастурҳои таълимию методӣ барои кормандони муассисаҳои томактабӣ, махсусан, мураббия ва роҳбарони мусиқӣ мусоидат намуда, дар пешрафти назария ва амалия психологияи бачагона, педагогикаи таҳсилоти томактабӣ, ташкил ва роҳбарӣ намудан ба фаъолиятҳои кӯдакон, таълими фанни назария ва истифодаи методикаҳои тарбияи мусиқии кӯдакон ба роҳ монда шавад, дар муассисаҳои таълимии томактабӣ, таҳсилоти миёна ва олии касбии педагогӣ ҳиссагузор гардад.

Муҳаққиқ **аҳаммияти амалии таҳқиқот ба он шарҳ медиҳад, ки:** амаликунонии мақсад ва вазифаҳои рушди қобилияти мусиқӣ–эҷодии кӯдакон ба роҳ монда шавад. Таҳқиқотчӣ исбот намудааст, ки кормандони муассисаҳои томактабӣ метавонанд тавассути бозиҳо қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодии кӯдаконро ба таври самаранок инкишоф диҳанд. Истифодаи бозиҳои халқӣ ва фолклори кӯдакона низ мавриди истифода қарор дода шудааст. Дар таҳқиқот барои синну соли таҳсилоти томактабӣ истифодаи бозиҳои халқӣ, хондани суруд ва таронаҳои

кӯдакона ба онҳо имконият медиҳад, ки кӯдакон дар фаъолияти якҷояи таълимӣ, эҷодӣ ва иҷтимоӣ ҳамеша фаъол бошанд. Мукаммал кардани таҷрибаи педагогӣ дар рисола ба таври пуррагӣ дарҷ мегардад. Натиҷаҳои таҳқиқот ба роҳбарони мусиқӣ ва мураббиён дар муассисаҳои томактабӣ имконият медиҳанд, ки фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ва эҷодӣ иҷтимоии кӯдаконро бо роҳҳои нави мусиқӣ ва бозиҳои эҷодӣ бой гардонанд.

Дар асоси таҳлилу коркарди натиҷаҳои корҳои озмоишӣ тавсияҳои психологӣ ва педагогӣ таҳия гардида, аз истифодаи онҳо ба беҳтар гардидани раванди таълиму тарбия, ташкили ва роҳбарӣ ба фаъолиятҳои мусиқӣ ва бозиҳо, ҳамчунин ба инкишофи қобилиятҳои эҷодӣ ва мусиқии кӯдакон мусоидат намудан, баррасӣ гардидааст. Ин тавсияҳо на танҳо ба фаъолияти роҳбарони мусиқӣ, мураббияҳо дар муассисаҳои томактабӣ роҳнамоӣ мекунанд, балки барои татбиқи таҷрибаҳои нав ва самараноки педагогӣ заминаи амалиро шароитҳо фароҳам меоварад. Муҳаққиқ эҷодкорӣ як намуди нодири фаъолияти зеҳнӣ меҳисобад, ки дар ҷараёни он аз нав дида баромадани таҷрибаи гузашта ва эҷоди чизи нав сурат мегирад. Маҳс дар синни томактабӣ қобилиятҳои эҷодӣ ҳамчун хусусиятҳои фарққунандаи инкишофи равонии кӯдакон ва сифати шахсияти фардӣ онҳо дар ҷараёни бозӣ ба ҳисоб рафтанро таҳлил ва арзёбӣ намудааст.

Барои гузаронидани корҳои тачрибавӣ-озмоишии диссертант равшан нишон дод, ки истифодаи усулҳои бозӣ барои рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва ташкили фаъолияти таълимӣ–маърифатии кӯдакони томактабӣ на танҳо сатҳи машғул шудан ба омӯзишро шавқовар ва замонавӣ мегардонад, балки барои инкишофи фарогири қобилиятҳои эҷодӣ ва мусиқии кӯдакон заминаи амалии устувор фароҳам меорад. Муаллиф, бо такя ба таҳлилу омӯзиши асосҳои илмӣ-назариявӣ ва натиҷаҳои тачрибавӣ-озмоишӣ, имконият пайдо намуд, ки сатҳи қобилиятҳои эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дақиқ муайян карда шуда, хулосаю тавсияҳои асоснок ва аҳамияти илмии онҳо барои амалигардонии фаъолияти педагогӣ коркард гарданд. Ин тавсияҳо метавонанд роҳнамои мураббиён ва роҳбарони мусиқӣ бошанд ва тачрибаи таълимӣ - тарбиявиро самараноктар, эҷодкорона ва инноватсионӣ гардонанд.

Маводи илмии дессертант дар ҷараёни таҳлили микдор ва сифати маводи гирдовардааш, рафти бозиҳо барои корҳои эҷодии кӯдакон барои эътимод бахшидан ба андешаронихои хеш ба осори таҳқиқии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ такя намудааст ва дар мавридҳои зарурӣ аз манбаъҳои асосӣ иқтибосҳо овардааст. Хеле муҳим аст, ки саҳми шахсии

довталаб дар ёфтани дараҷаи илмӣ дар соҳаи таҳқиқот тавассути таҳлили ҳамаҷонибаи мушкилот ва пайвастагии мувофиқи тадқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ муайян гардад. Таҳлили микдорӣ ва сифатии маълумоти бадастомада ва истифодаи маҷмӯи усулҳои мувофиқ ба ҳадаф ва вазифаҳои омӯзиш, ҷиҳати ташаккули усулҳои рушди қобилиятҳои эҷодӣ, бозиҳо ва презентатсияҳо, ки ба рушди шахсияти кӯдакони синни томактабӣ мусоидат мекунанд, саҳми муҳими илмии муаллифро собит менамояд.

Рисолаи мазкур аз муқаддима, се боб, хулосаи бобҳои алоҳида, хулосаи асосӣ ва феҳристи адабиёти таҳқиқӣ иборат аст. Дар муқаддима мақсади таҳқиқот, объект ва предмети мавзуи таҳқиқот таҳлил ва муҳокима гардида, асосҳои назариявию методологӣ асоснок карда шуд. Масъалаҳо аз лиҳози илмӣ муайян карда шуда, вазифаҳо, навгониҳои ва фарзияи таҳқиқотӣ мураттаб карда шудааст. Инчунин, навоварии илмӣ низ асоснок карда шуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз ҷиҳати илмӣ исбот карда шуд.

Дар боби аввали рисолаи илмӣ дар масъалаи "**Асосҳои назариявии инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни томактабӣ**" барраси гардида, он аз ду зербоб иборат донистааст. Дар зербоби аввали боби мазкур масъалаи **"Инкишофи қобилияти кӯдакон ҳамчун проблемаи психологӣ ва педагогӣ"** мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Ҷанбаҳои мусиқӣ ва шунавоии хотираи кӯдакони таҳсилоти томактабиро ва тасаввуротро дар бар мегирад. Диссертант образҳои мусиқӣ-шунавоӣ қобилияте мебошанд, ки ҳангоми шунидан ва такрори асарҳои мусиқӣ инкишоф меёбад. Дараҷаи баланди инкишофи қобилиятҳои эҷодӣ барои хотираи мусиқӣ ва тахайюли асосӣ хизмат менамояд.

Ҳисси ритмӣ-ин қобилияти фаъолона ҳис кардани мусиқӣ тавассути ҳаракат, ҳис кардани ритми он ва такрор кардани он дар асоси аксуламали эҳсосӣ ба вуҷуд меояд. Ҷавоби эҳсосӣ ба мусиқӣ метавонад дар ҳама намудҳои фаъолияти мусиқӣ ҳангоми дарк, иҷро ва эҷоди он инкишоф ёбад. Барои ин шумо бояд мазмуни мусиқиро эҳсос ва дарк намоед, инчунин нисбати мафҳуми суруд тасаввурот дошта бошед.

Дар зербоби дуюми боби якуми рисола "**Хусусиятҳои инкишофи қобилияти мусиқию эҷодии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ"** масъалагузори гардида, усул ва шаклҳои корро истифода бурдан зарур аст, ки барои эҷодкорӣ фазо фароҳам оварда, шавқу рағбати кӯдакони таҳсилоти томактабиро бедор кунанд. Бояд роҳҳои ворид намудани унсурҳои эҷодӣ дар намудҳои гуногуни фаъолияти мусиқии кӯдакони синни томактабӣ ҷустуҷӯ карда шавад. Дар асоси мавзуи дарс бозиҳоро

гуногунранг кардан ва байни намудҳои гуногуни фаъолияти мусиқӣ ва бозиҳо робитаи мантиқӣ барқарор кардан лозим аст

Дар боби дувуми рисола маълумот дар бораи **“Асосҳои амалии ташаккул додани қобилияти мусиқӣ - эҷодӣ дар фаъолияти мусиқӣ-бозикунӣ”** номгузори карда шуда аст. Дар зербоби якуми боби дуввум ки масъалаи **“Имконияти истифодаи бозиҳо дар тарбия ва инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон”** номгузори шудааст. Дар боби маскур бозӣ чун фаъолияти махсуси инсонӣ аз ҷабҳаҳои таърихӣ-фарҳангӣ, таълимиву тарбиявӣ иборат донистанро баррасӣ намудааст. Он бо тағйиру такмилёбии худ вобаста ба дигаргуниҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангиву сиёсӣ ба рушди маҳорату қобилиятҳои бозингарон, махсусан, кӯдакону наврасон таъсир мерасонад. Дар заминаи баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии кӯдакон, барнома, дастурҳои таълимӣ, суруду оҳангҳои бачагона мувофиқ ба синнусоли кӯдакон, зарурияти истифодаи намудҳои зерини бозиҳо барои кӯдакони то 7 - сола пешниҳод карда шудаанд, аз ҷумла: сюжетию нақшофарӣ, намоишӣ ё худ саҳнавикардашуда, бозиҳои сохтмонӣ, серҳаракату дидактикӣ истифода бурда мешавад. Дар ҳамаи гурӯҳҳои синнусолии кӯдакон вобаста ба қобилиятҳои мусиқӣ ва инкишофдиҳӣ ташкилу роҳбарӣ карда мешаванд. Дар ташкилу баргузории бозиҳо инкишоф меёбанд.

Дар зербоби дувуми боби ду **“Заминаҳои барномавӣ-методии инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ”** маълумотҳо ҷамъоварӣ намудем ва онро ҳамчун барномаҳои мусиқӣ истифода бурдем, барои инкишоф додани қобилиятҳои эҷодии кӯдакон равона намудем, инчунин онҳоро мавриди корбарӣ қарор додем.

Таҳлили назария ва амалияи тарбияи мусиқӣ нишон медиҳад, ки қобилияти мусиқӣ ва мусиқидонӣ - мусиқашиносӣ дар инсон аз айёми тифлӣ ба вуҷуд меояд. Ӯ бо нидою оҳанги нутқи модар, садои бозичаю дигар ашёҳои атроф, парандаю созҳои мусиқӣ ва ҳатто ба нутқи худ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, кӯшиш менамояд онро дар хотир нигоҳ дорад, ба он тақлид намояду аз нав бо лаҳну садои махсус руҳия ва ҳолати эҳсосотии худро иброз созад. Бо мурури замон тасаввуроту фаҳмиши худро амалӣ гардонда, қобилияти мусиқишиносӣ: шунидан, фаҳмидан ва фарқ кардани садои овозҳо, азхуд кардани мусиқӣ дар эҳсосу идроки он, такрор кардани эҷодиёти оҳангу нағамот ва намудҳои гуногуни мусиқӣ азхуд карда мешавад, кӯдакони таҳсилоти томактабӣ соҳиби қобилияту истеъдоди мусиқӣ мегарданд ва дар ҷомеа ҳамчун шахси мусиқидон ва эҷодкор эътироф мешаванд.

Дар боби сеюм дар мавзуи **“Технологияи инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолияти мусиқӣ-бозикунӣ”** бахшида шудааст. Дар зербоби якуми боби сеюм, ки **“Омӯзиши ташхисии вазъи рушди қобилиятиҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолияти мусиқӣ-бозӣ”** таҳқиқу баррасӣ гардидааст. Муаллиф ибрози ақида намудааст, ки бозиҳо бояд бо истифодаи асарҳои мусиқӣ, бозичаҳои мусиқӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи кӯдакон мавқеи махсусро ишғол намоянд. Онҳо ба кӯдакон имконият медиҳанд, ки имконияту тасаввуротҳои нав ба вуҷуд оянд. Ин имконияту тасаввурот ва донишҳо ба инкишофи мустақилнокӣ, ташаббускорӣ, эҷодкорӣ ва маҳорату қобилияти ташкилотчигии онҳо мусоидат хоҳад кард. Истифодаи мусиқӣ на танҳо дар машғулиятҳо ба кӯдакон тавсия карда мешавад. Чунки мусиқӣ на танҳо ба руҳия ва ҳолати эҳсосотӣ, шунавоӣ-мусиқӣ, инчунин ба болоравии қобилияти кории дил, мушакҳо, узвҳои такягоҳӣ-ҳаракатӣ, нафаскашӣ ва кулли фаъолияти ҷисми кӯдак таъсири мусбат мерасонад.

Масъалаи дуюми зербоби сеюм **“Кори озмоишӣ ва натиҷагирӣ аз он”** мавриди таҳқиқ пешниҳод намудем.Ҳангоми кори таҳқиқотӣ маълум гардидааст, ки барои инкишоф додан ва ҳавасманд гардонидани кӯдакони таҳсилоти томактабӣ, қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон ташкили гӯшаи мусиқӣ нақши муҳим дорад. Махсусан, кӯдакони нав ба гурӯҳҳои калони томактабӣ қабулшуда шармгин ва дорои мушкилотҳои шахсиятӣ (нуқсони нутқронӣ, камҷуръатӣ, дараҷаи сабуки боздории рушди равонӣ, аломатҳои гепербактивидошта, майл ба пургӯӣ дошта ва ғайраҳо) кори фардии доимиро талаб намуданд. Таҳқиқот ва натиҷабрдори дар ин боб дар сатҳи баланд қарор гирифтааст. Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба микдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин карда шудааст.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ**

1. Дар рисола таҳлили Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ мушоҳида нагардид. Дар ин бобат довталаби дараҷаи илмӣ фикру ақидаи худро иброз медошт, ба мақсади гузоштааш бештар ноил мегардид. Ин арзиши амалии таҳқиқотро боз ҳам афзунтар менамуд.

2. Агар дар рисолаи илмӣ муҳаққиқ ҳамкории муассисаи таълимии томактабиро бо оила низ дар таъмини инкишофи қобилияти мусиқӣ-

эҷодии кӯдакон ворид ва натиҷагирӣ менамуд, аҳамияти илмию амалии онро зиёд мегардонид.

3. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки ҳангоми таҳлили таҳқиқоти илмии олимон оид ба масъалаи мавриди назар зиёдтар аз таҳқиқоти олимони ватанӣ истифода бурда мешуд.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат хатоҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ роҳ ёфтаанд, ки онҳо ба ислоҳ ниёз доранд.

Мазмуну мухтавои автореферат бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ дар автореферат интишор гардидаанд, мувофиқати комил бо мундариҷаи рисола дошта, моҳияти корро якҷоя бо интишороти муаллиф, ки дар маҷмуъ фарогири 25 ададанд, пурра инъикос мекунанд, ки 3 адади он дар маҷаллаҳо ва нашрияҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудаанд, ба чоп расидаанд.

**ХУЛОСА**

1.Диссертатсияи Рамазонзода Давлат Сулаймон дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2.Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Рамазонзода Давлат Сулаймон дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогии кафедраи педагогикаи МТД «Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» Абдуллоҷони Ҳамрохон мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогикаи МТД « Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ», ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Рамазонзода Давлат Сулаймон баромад кард, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи илмӣ-назариявии кафедраи педагогикаи МТД «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» 14 нафар устодону омӯзгорони донишгоҳ ширкат варзиданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 14 нафар, «бетараф» - нест, «муқобил» - нест. Қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогикаи МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» аз 18.03.2026, №3

Раиси ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявӣ,
мудири кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Назаров Ҳотам Сарфарозович

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогии кафедраи
умумидонишгоҳии педагогикаи
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Абдуллоҷони Ҳамрохон

Котиби ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Расулова Нодира Сайдаламовна

18.03.2026

**Маълумот барои тамос:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16; Тел: (83322) 2 35 06; E-mail: info@kgu.ti: www.kgu.ti

Имзои Назаров Ҳ.С., Абдуллоҷони Ҳ. Расулова Н.С.-ро
тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Давлатов М.А.